# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2017

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2017 дар маҷмуъ 84 ташкилоти қарзӣ, 22 ташкилоти суғуртавӣ, 11 ташкилоти лизингӣ, 16 ломбард, Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамоянд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ ба санаи ҳисоботӣ дар маҷмуъ 22,8 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2016 ба маблағи 57 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ аз ҳисоби зиёд шудани дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои лизингӣ, Фонди дастгирии соҳибкорӣ ва АСИН ба миён омадааст. Нишондиҳандаи дороиҳо нисбат ба ММД дар ин давра, ба 37,3 фоиз баробар гардид.

Дар сохтори низоми молиявии кишвар низоми бонкӣ ҳиссаи назаррас дошта, дар ҷамъбасти соли 2017 дороиҳои он 91,9 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявиро ташкил намуд. Танҳо 1,3 фоизи дороиҳои низоми молиявӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ, 0,8 фоизи он ба ташкилотҳои лизингӣ, 1,0 фоиз ба Фонди дастгирии соҳибкорӣ ва 5 фоиз ба АСИН рост меояд.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 31.12.2016 | | | 31.12.2017 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Афзоиши дороиҳо (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзӣ** | **104** | **21 187** | **93,3** | **84** | **20 932** | **91,9** | **-1,2** |
| ***Бонкҳо*** | ***18*** | ***18 672*** | **82,2** | ***17*** | ***18 237*** | **80,1** | ***-2,3*** |
| *Бонки давлатӣ* | *3* | *10 678* | 47,0 | *3* | *9 568* | 42,0 | *-10,4* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *7* | *1 806* | 8,0 | *6* | *1 986* | 8,7 | *10,0* |
| *Бонкҳои дигар* | *8* | *6 187* | 27,2 | *8* | *6 682* | 29,3 | *8,0* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***86*** | ***2 515*** | **11,1** | ***67*** | ***2 696*** | **11,8** | ***7,2*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *38* | *2 134* | 9,4 | *27* | *2 285* | 10,0 | *7,1* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *14* | *204* | 0,9 | *7* | *169* | 0,7 | *-17,2* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *34* | *178* | 0,8 | *33* | *242* | 1,1 | *36,0* |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **21** | **236** | **1,0** | **22** | **295** | **1,3** | ***25,0*** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **11** | **181** | **0,8** | **11** | **186** | **0,8** | ***2,8*** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **16** | | | **16** | | | |
| **Биржаи фондии Осиёи Марказӣ** | **1** | | | **1** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **142** | **0,6** | **1** | **219** | **1,0** | **54,2** |
| АСИН | **1** | **966** | **4,3** | **1** | **1137** | **5,0** | **17,7** |
| **Ҳамагӣ:** | **155** | **22 712** | **100** | **136** | **22 769** | **100** | **0,3** |

Низоми бонкии кишвар ба ду гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ тақсим шуда, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) дар бар мегиранд. Бо назардошти таъсири бухрони иқтисодии солҳои охир ва мушкилиҳои молиявӣ дар бонкҳои низомсози кишвар, дар соли 2017 дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба соли қаблӣ 1,2 фоиз коҳиш ёфта, ба 20 932 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад дар муқоиса ба соли 2016, бинобар зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба андозаи 25,0 фоиз афзоиш ёфта, ба 295 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар ин давра дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ 219 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 54,2 фоиз зиёд мебошад. Бояд қайд намуд, ки ҳамасола барои пурра намудани сармояи оинномавии Фонди мазкур аз рӯи имкониятҳои буҷети давлатӣ маблағи муайян ҷудо карда мешавад, ки он барои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ равона мегардад.

Дар ҷамъбасти соли 2017 дороиҳои АСИН 1,1 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 17,7 фоиз зиёд мебошад.

Бахри анҷом додани хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, моҳи апрели соли 2015 бори нахуст дар Тоҷикистон Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ташкил карда шуд. Вобаста ба ғайрифаъол будани Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, ташкилотҳои лизингӣ ва ломбардҳо дар иқтисодиёт ва таҳти назорати Бонки миллии Тоҷикистон қарор надоштани ин бахшҳо, маълумоти муфассал оид ба фаъолияти онҳо дастрас нагардид.